Ҳар гурӯҳе аз маҷлисе бархезанд ва дар он маҷлис Худовандро зикр накарда бошанд, гӯё аз лошаи хари мурдае бархостаанд ва он маҷлис барои онҳо сабаби ҳасрат (пушаймонӣ) хоҳад шуд

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳар гурӯҳе аз маҷлисе бархезанд ва дар он маҷлис Худовандро зикр накарда бошанд, гӯё аз лошаи хари мурдае бархостаанд ва он маҷлис барои онҳо сабаби ҳасрат (пушаймонӣ) хоҳад шуд."
[Саҳеҳ] [رواه أبو داود]

Паёмбари акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар доданд, ки ҳеҷ гурӯҳе нест, ки дар маҷлисе нишаста бошанд ва аз он бе ёди Худо бархезанд, магар ин ки монанди касоне ҳастанд, ки гирди ҷасади хари мурдае ҷамъ шудаанд, ки пур аз бӯй ва ифлосист. Ин аз он сабаб аст, ки онҳо худро бо суханҳое машғул карданд, ки дар он зикри Худо набуд. Пас он маҷлис дар рӯзи қиёмат барои онҳо сабаби пушаймонӣ, камбудӣ ва надомат хоҳад буд.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3910